**Урун Куҳзод**

## ОЧАИ БАЧАҲО

Дар ин ҳавлӣ ҳар сабоҳ аз ҳама пеш вай ва радио бедор мешаванд. Ва ҳар шаб аз ҳама қафо ваю радио хоб мераванд.

Имрӯз ҳам вай аз ҳама пеш бедор шуд. Бедор шуду бо ҳамон куртае ки ба бистар даромада буд, бо ҳамон курта аз ҷои хоб хест ва бешарфа ҷомаашро пӯшид, то ки хоби бачаҳо ҳаром нашавад. Ҳамаи онҳо, панҷ писару духтари аз панҷсола то шонздаҳсола ва модарашон, дар як хона, дар рӯи фарш хоб мераванд. Ҷогаҳ қатор андохтагӣ аз ин сар то он сари хона ва ҷои хоби пеши дар аз они модар аст. Вай кӯрпаи писари хурдиашро, ки лағжида поён фаромадааст, боло кашид, рӯяшро дуруст пӯшид ва ҳамчунон бе шарфаи по берун баромад. Баробари аз дар баромадани вай радиочае ки дар девор ба мех овехтагист, ба гап сар кард. Аз ҳамин лаҳза, аз соати шаши сари субҳ то қиёми шаб, ин радиоча бетанаффус гап мезанад. Ва ҳама ин муддат модар бетанаффус меҷунбад. Ва пешакӣ маълум аст, ки радиоча дар кадом вақти рӯз аз кадом бобат гап мезанад ва модар кай, аз паси кадом кор машғул мешавад.

Вай дар айвон бо оби хунук дасту рӯ шуст ва аз дил гузаронид, ки «рӯзҳо кӯтоҳ шудааст». Ва сатил гирифта ҷониби оғил рафт. Ба охур як қабза алаф партофту сари зону нишаст ва ба дӯшидани гов сар кард. Ним сатил шир дод гов. Ширро оварда дар хона монд ва ду сатили дигар гирифта барои об лаби ҷӯйбор рафт. Оби ҷӯ кам шудааст, ба наздикӣ каналро мебананд ва оби ҷӯ хушк мешавад. Дигар ҷои обгирӣ надорад деҳа. Баъд то баҳор, то обталаб шудани боғу кишт, бо оби кашида рӯз мегузаронанд мардум. Обро мошин аз дарё мекашонад ва ҳар як қатрааш дору мешавад барои мардум. Ҷанг мешавад байни мардум барои як сатил об. Ҷанги сатил.

Аз ёд овардани обҷӯю обёбии солҳои ки гузаштаанду боз рӯзҳое ки расиданашон аст. Ба ин ташвишу таҳлукаи расидану нарасидани об. Вай сатилҳоро бо навбат то нимаф кашид, силтав дода, чирку ҷарои рӯи обро дур кард ва соф-соф об гирифт. Ва то ба хона расидан аз хамида рехтани об ҳарду бари доманаш тар шуд. Доманҳои ҷомаашро ба камар

баст ва даҳони печкаро кушода, хокистарро гирифт, шохчаҳои тарро шикаставу қат карда дарунаш андохту тагаш чанд чингаи хушкро ҳамчун лепила-равона монда гугирд зад. Чингаҳои хушк вани даргирифту шохаҳои тар дуд баровард. Дуд ба рӯяш зада чашмонашро сӯзонд. Оби чашмонаш дар сари мижгонҳояш марворид шуд. Аз зару зевари занҳо ҳамин қадар дошт вай.

Дари печкаро пӯшид. Бачаҳоро бедор кард, ки аз мактаб дер намонанд. Алов дар печка аланга зад, дудкаш зӯр дуд кашид. Ва ба болои оташ ду табақи лой монд, ки оҳистатар сӯзад, то тафсаш дер пояд. Чойҷӯши пури обу сатили ширро рӯи печ монд. Бачаҳо бо лаби нохоҳам чашмонро молида аз ҷои хоб хестанд ва дар айвон бо офтоба дасту рӯяшонро гурбашӯй карда омаданду дар сари дастархон нишастанд.

Радио консерт медод.

— Тез, тез хӯред, — косаҳои ширро рӯи дастархон монд вай. — Вақти мактаб шуд.

Бачаҳо суст меҷунбиданд ва карахтии онҳо ба вай намефорид. Худаш нон шикаст ва бурдаҳои онро пора-пора карда аз як тараф ба косаҳо партофт.

— Хуреду мактаб равед, — гуфт ба онҳо ва аз даҳлез чорӯб гирифта берун баромад.

Рӯфтанро аз айвон сар кард. Баъд рӯи ҳавлиро рӯфт. Ҳавли калон буд. Нимвайрон буд. Деворҳо рахна, дарвоза шикастагӣ, андоваҳо рехтагӣ. Як тараф тӯдаи партовҳою пору, як тараф ҷои бузу гӯсфанд, ки гирдаш чигдевор, як тараф гарами ғӯзапоя — сӯзишвории асосӣ ва доимии деҳа, рӯи боми оғил гарами алаф....

Ин намуди на он қадар дилкаш, пас аз озода рӯфтани ӯ як навъ таровате пайдо кард ва гӯё ҳусне зам шуд ба дару devoраш. Ҳангоме ки вай беруни дарвозаро мерӯфт, бачаҳо пасу пеш, портфелҳо дар дасту дар пушт, ҷониби мактаб рафтанд. Ин мактаб муштарак буд барои се деҳа ва роҳаш дур буд албатта аз ҳамаи деҳаҳо. Ва ғами дурии роҳро ҳам мехӯрд, ҳарчанд ки онро наздик карда наметавонист.

Рӯфту рӯб анҷом ёфт. Вай, чорӯб ба даст, қоматашро рост кард. Мелаҳои тунукашро пушт партофт.
— Очаи бачаҳо, чоят ҷӯшида хушк шуд, — гуфт шавҳараш ва шохи дуқӯшаи беди нимтарро ба девори кафида такя монд, то ки наафтад.

Вай чой дам кард, барои шавҳараш дастархон кушод. Ҳамроҳаш як бурда нонро ба чой тар карда хӯрд.

— Ман рафтам ба кори колхоз, — ба ҳурмати дастархон омин гуфту аз ҷо хест шавҳараш ва миёнашро аз рӯи ҷома баста ба саҳро рафт.

Очаи бачаҳо ба хонаи хоб даромад. Духтарчааш ширин хобидааст. Дилаш нашуд ки бедор кунад. Чор ҷогаҳи дигарро бардошт. Кӯрпаву кӯрпачаҳоро таҳ намуда дар тахмон рах зад. Радио хабарҳои охирин мешунавонид. Вақти сар додану ба пода бурдани молҳо шудааст. Вай ду буз, ду мешу як барраву говро сар дод ва пеш андохта бурд. Вақтҳои ҷавонии деҳа бузбон дошт, гӯсфандбон дошт, подабон дошт. Моли майдаву говро якҷоя ба чаро намебурданд. Чарогоҳи ҳар мол дигар буд, чӯпони ҳар мол дигар буд. Тартибе дошт корҳои дунё. Акнун мол ҳам кам мондааст, чӯпон ҳам нест. Гову гӯсфандро якҷоя ба чаро мебаранд. Бо навбат мебаранд — як рӯз як оила, рӯзи дигар як оила. Касе дасташ холӣ бошад меравад. Барои ҳамин на дар куни гӯсфандҳо ҷир ҳаст, на дар тани бузҳо гӯшт ва на дар пистони гов шир. Ҳамааш бефайз шудааст. Як кори базӯриву ночорӣ барин, баракат надорад. Гӯё одамон дар ин макон муқимӣ нестанд, муваққатан зиндагӣ мекунанд. Ҳафтаи оянда рӯзи сешанбе подабарӣ навбати мо. Рӯзи якшанбе мебуд, бачаҳо мебурданд. Як бор аз паи пода равӣ, рӯзгори хона ин қадар бесомон мешавад, ки гӯё як моҳ дасти касе нарасида бошад. Гӯр зиндагӣ шавад, ки як дами фароғат надорад.

Дар баргашт вай аз дарвоза надаромада садои гиряро шунид. Таъҷил кард. Писарчааш пои луч дар айвон рӯи хок нишаста, бо ҳар ду пушти даст чашмашро молида мегирист.

— Ҷони оча, ба ту чӣ шуд? Э, ҷони мано, чаро гиря мекунӣ? — Вай бо чангу хок якҷоя писарчаро бардошта бағал гирифт.

— Ман ҷогаҳа тар кардам, — гуфт гиряолуд писараш.

— Хуб кардӣ. Ин кирои гиря надорад. Очаат мурад ба ту, гиря накун. Хуб кардӣ.

Писарча дар оғӯши гарми модар ором шуд. Модар ӯро ба хона даровард, либосашро иваз кард, дар пеши печка нишинонд ва оби чашмашро бо кафи даст рӯфт.

— Ман ҳозир ба ту шир медиҳам.

Очаву бача дар як коса шир нон реза карда хӯрданд.

Сипас, вай кӯрпаро берун баровард, ҷои таркардаи писарро об гардонд ва тор кашид. Либосҳои ношустаро дар айвон ғун овард. Як гарам шуд. Сари роҳ ду сатил ба даст об овард. Обро оварда ба тағора мерехту боз рафта об овард. Ҳезум шикаст, алов даргиронд, об монд ки гарм шавад. Аз ғарами либосҳо қариб нисфашро ба тағора андохта тар кард ва аз болояш собуни ордак пошид.

Радиочаи айвон бетанаффус гап мезад. Ҳоло кадом шахсе бо овози баланд ва начандон форам, ба маданияти деҳот айб мегирифт. Сатҳи маданият дар деҳот аз талаботи рӯз хеле қафо мондааст, мегуфт ӯ. Мардум нисбати маданияти рӯзгорашон хеле бепарво ҳастанд. Ҳавлиҳо хеле бенуранд. Ашёҳо дар рӯи ҳавлиҳо хеле бетартиб партофта шудаанд. Пастии маданияти деҳот дар ғамхорӣ ба бачаҳо хеле равшан зоҳир мешавад. Акалан, дилашон намешавад, ки барои дарс тайёр кардани фарзандони худашон мизу курсӣ харанд....

«Ин қадар бисёр, хеле, хеле бисёр мегӯяд ин бедард», — вай дар ҳолате ки сари тағора дикак нишаста либос мушт мекард, як норизоёна ҷунбид.

— Худаш чанд фарзанд дошта бошад? Маошаш чанд сӯм бошад?. Дар хонаи деҳа бачаҳо болои ҳам мехобанд, вай бошад аз мизу курсӣ гап мезанад, бедард!.

Вай либосҳои тағораро шуст. Об аввал кабуд ва баъд сиёҳ шуд. Обро партофт. Оби нав андохт. Боз лаболаб пури либос кард ва собун пошид. Дар се навбат либосҳоро шуст, ғич карда болои чиғ рах зад. Тағораро об гардонд. Либосҳоро дар тағора гирифт ва ба сараш монда лаби ҷӯ бурд,

дар оби ҷӯ софкорӣ кард, банди дастонаш сурх шуд. Ва либосҳоро боз дар тағора монда, ба сар гирифта омаду рӯи ҳавлӣ тор кашид.

— Оча, гушна мондам, — гуфт писараш.

— Ман ҳам гушна мондам, ҷони очеш.

Ва онҳо дар айвон шол партофта дастархон кушоданд. Ба қандчой нон тар карда хӯрданд. Лаҳзаҳои фароғат буд ин дақиқаҳои нону чой хӯрдан. Дар пеш боз ба ҷӯ рафтану об овардану ягон дами гарм тайёр кардан лозим буд, зеро бачаҳо аз мактаб меомаданд. Онҳо биёянд, фармудан даркор, ки оғилро пок кунанд ва додарчаашонро нигоҳ доранд, то ки рафта аз дарёбод як пуштора ҳезум биёрад. Барои алов ғӯзапоя ҳаст, вале вай тезсӯз ва бебаҳо. Чанд чӯб ҳезум бошад, дер мепояд.

Пасу пеш бачаҳо аз мактаб омаданд ва якпорагӣ нон ба даст гирифта саросемаю росто-рост хӯрда, гуфтанд, ки пахтачинӣ мераванд. Ва пешдоманҳои кӯҳнаашонро сари китф партофтанд. Очаи бачаҳо медонад, ки дар ҳама ҷо бачаҳо баъди дарс ба пахтачинӣ мераванд. Аҳвол ҳамин. Агар нараванд дар маҷлиси синф, дар маҷлиси комсомол ва дар газетаи деворӣ танқид мекунанд, шарм медоронанд бачаҳоро, мулзам мекунанд бачаҳоро. Лекин барои рӯзгор ҳезум ҳам зарур, бе ҳезум гармӣ намешавад дар хона.

— Имрӯз ту пахтачинӣ нарав, — гуфт вай ба духтараш, ки дар синфи шашум мехонад. — Инҳо раванд, ту додарчаатро нигоҳ кун, ман рафта ҳезум биёрам.

— Муаллим ҷанг мекунанд, — ҳатӯл монд духтарак.

— Ҷанг намекунад, ман гап мезанам.

Ва ӯ духтару писарчаашро хонабон монда худаш ҳезумчинӣ рафт. Ба хонаи дарё рафт, аз канал гузашта аз деҳаи ҳамсоя ва заминҳои кишти он ҷо гузашта рафт. Ба пахтазор рафт. Ҳезуми хушки то қадри имкон ғафс-ғафсашро чинд, ки лахчааш дер мепояд. Аз бутта ба бутта, аз селканда ба селканда, аз регзор ба сангзор гузашта, бозучаҳои афтида гундошт, зарҷӯби зӯррасашро шикаста гирифт ва дар ҳамворичае рӯи

сабза ҷамъ оварда банд басту пуштора кард, хасу хор банди дастонашро ғозиду харошид. Аз хаму рост шудани бисёре зонувон ва миёнаш дард баровард, тахтапушташ шах шуд. Аз бозгашт дар роҳ арақ кард, рагу пояш мулоим гардид ва дарди зонувону миён дигар озораш намедод.

Ҳезум дар пушт, як бозуи дароз ба ҷои асо дар даст, бо роҳи гоҳ ҳамвору гоҳ ноҳамвор, гоҳ регу гоҳ хок ва гоҳ сари ҷӯву гоҳ сари вот, гоҳ сарашро боло дошта ва гоҳ қоматашро хам гирифта, вазни борро сабуктар гардонида, қадам мезаду қадам мезад..., то ки ба роҳи мошингард баромад. Мошин кам буд дар роҳ. Ва ҳар мошине пайдо шавад, бо шаст бод барин ба ин ё он тараф мегузашт, ки вай ҳатто суроби одамонашро дуруст дида натавонист ва онҳо низ гӯё ӯро надида мегузаштанд — ҳар кас аз паси рӯзгори худ саргардон дар ин дунё.

Дар даромадгоҳи деҳа мошини раис аз пеш баромад ва ба ӯ баробар шуду истод.

— Ҳа, хола, — дари мошинро кушода аз ҷойи нишасташ аҳвол пурсид раис. — Ягон хар пайдо нашуд, ки пуштора ҳезум мебарӣ?.

— Бо хар ҳезумкашӣ кори мардҳо, — гуфт вай.

— Хайр, мардакат кашонад ҳезума.

— Вай ҳезум кашонад, шумо аз зиёфат ба зиёфат гардед, кори колхоза кӣ мекунад?.

Раис хандид:

— Соли оянда раисия ба худат медиҳам.

Ва мошин ба роҳаш рафту вай ҳам ба роҳаш.

Дар хона вай пушт ба девор такя монда як чойник чой хӯрд. Арақаш хушк шуд. Ташнагиаш шикаст. Дамаш омад. Аз кисаи челакаш се сӯм бароварда ба духтараш доду магазин фиристонид, ки агар қанд ё шакар омада бошад, ба ҳамин пул харид кунад. Худаш ба карсон орд гирифта хамир ҷӯлонд ва карсони хамирро кӯрпапеч кард, ки дар гармӣ зудтар

расад ва торикӣ нафаромада нонашро пухта гирад. Сари оташдон рафт, алов даргиронд, дег монд, ба дег об андохт. Аз кастрюл гӯшт гирифт ва буридаву устухонашро шикаста сари хӯрандае як порагӣ ба оби дег партофт. Берун баромад, ду бағал ғӯзапоя бурда назди танӯр монд, дар айвон нишаста пиёз, картошка ва сабзӣ пӯст кард. Пӯстҳоро ба сатили кӯҳна гирифта бурду пеши дари оғил монд — шаб ба гов медиҳад. Пиёзро реза кард ва хона даровадрда ба дег рехт. Картошкаву сабзиро шуста дар як табақ бардошта сари дег бурд. Аз он ҷо баромада хокистари танӯри рӯи ҳавлиро рӯфт ва ба хона баргашта кӯрпаи болои карсони хамирро бардошт. Хамир нағз нарасидааст, нимрас шудааст, нон хол мезанад, лекин дигар фурсат нест, нон сохтану нон пухтан лозим, то бегоҳ базӯр тамом мекунад ҳамаи ин корҳоро. Вай суфра кушод, хамирро зувола гирифт, лӯнда-лунда канда, қатор чинд. Ва нон рост карду нон рост кард. Ду дасташ аз сари китф то нӯги панҷаҳо беист дар ҳаракат буд, беист меҷунбиду меҷунбид баданаш, то ин бегоҳу фардо сабо даҳони фарзандонаш биҷунбад.

Акнун ба танӯр алов мондан даркор, ки тафсад. Вай ғӯзапояҳоро шикаставу қат карда даруни танӯр даровард. Қоғазкӯҳна хаста пеш зад ва оташ дар дод. Забонаҳои оташ бо дуди ғализаш аз даҳони танӯр фахосзанон баромад ва торҳои мӯи зулфу абрӯву мижгони ӯро лесиду ҷо-ҷо вигонд.

Аз радио кадом як пешқадами кадом деҳае ба саволҳои мухбир ҷавоб медод. Мухбир пурсид, ки шароити зисти мардум чӣ хел аст? Он пешқадам ҷавоб дод, ки шароити зисти мардуми мо аз шароити зиндагонии мардуми шаҳр қариб фарқ надорад. Мо барои сабук шудани кори занҳо дар колхозамон ҷомашӯхона сохтем, газ гузарондем....

— Рӯта сиёҳ мекунӣ ба ҳамин дурӯғат, — гуфт вай ба радио ва ба хона даромад.

Ӯ сӯхтаҳои таги дегро пеш зад, картошкаву сабзиро даруни дег андохт ва нонҳои росткардаашро аз суфра бо корсон гирифту сари танӯр бурд. Баргашта остинчаву рафида ва як коса об овард. Танӯр тафсида буд ва нон баст. Ҳар боре ки нонро рӯи рафида гузошта, дасташро даруни танӯр даровадра, ёзида нон мечаспонду ақиб мегашт, ҳар ду рӯяш аз тафси оташ дар мегирифт....

Ду танӯр нон пухт вай. Як сабад нон пухт вай. Ва ҳар нонро пеш аз кандан шакароб мезад. Дасташро даруни косаи об даровarда, дар сари панҷаҳо чакраҳо гирифта, болои нон мепошид, ки хушрӯ шавад.

Рӯз бегоҳ мешуд. Нонхӯрҳо ҳам пасу пеш омаданд. Аввал бачаҳо аз пахтачинӣ омаданд, сипас, отаи бачаҳо аз сари хирман омад. Хомшӯрборо бо нони гарм ҳамаашон дар сари як дастархон хӯрданд. Дегу табақро духтарҳо шустанд. Либосҳои сари торро низ онҳо бардошта ба хона даровarданд. Гову гӯсфанду буз, аз рӯи одат, аз пода ҷудо шуда, рост ба ҳавлӣ омаданд. Отаи бачаҳо бузу гӯсфандро даруни шигдевор даровард. Очаи бачаҳо сатил бардошта говҷӯшӣ рафт.

Радио суруд мехонд. Бачаҳо, писару духтари мактабхон, китобу дафтар гирифта, дар ҳар гӯша ба шикам дароз кашиданд, ки дарс тайёр кунанд. Отаи бачаҳо лимӯҳояшонро хабаргирӣ рафт. Писарчаи хурдӣ дар таги остона сагсаворӣ мекард.

Вай говро дӯшид. Ширро оварду ба хурма гирифт ва дар айвон овехт — то саҳар вайрон нашавад. Ва либосҳои шустаашро аз лаб якто-якто бардошта дид; чоки якеаш кандагӣ, тугмаи дигараш афтидагӣ, гиребони сеюмаш даридагӣ. Ва сӯзану ғалтак баровард, бо дандон риштаро мебурид ва либоси дигарро ба даст мегирифт. Вақте ки гиребони кандагии костуми кӯҳнаро медӯхт, аз мағзи баданаш як калобаи дарду алам ва ҳасрату ғам пайдо шуд, ба шикамаш даромад, давр задаву тоб додаву мадорашро макида боло баромад, сандуқи синаашро пур кард ва омаду дар гулӯ руст монд. Ва бо тафи реши дил об шуду аз чашмонаш баромад. Ин костуми писари калониаш буд, вайро ба хизмати ҳарбӣ гирифтанд, ҳоло писари миёнааш мепӯшад ин костумро. Аскарбачаашро чордаҳ моҳ боз надидааст — дар он лаби дунё, дар ҷоҳои хунук вай. Яктои дигараш дар Туркманистон, ваяш шикоят менависад, ки ангуштони пояшро хунук задааст, инаш аз гармӣ ба дод омадааст, ки ба замин даст расонӣ, дасташ месӯзад....

Торикӣ гирифт пеши чашмонашро, сӯзану риштаро надид. Оби чашмашро пок кард, вале хушк нашуд. Хонаи чашм пури об буд. Чоки дасташро лунда карда монду берун баромад. Аз офтоба об рехта дасту рӯ шуст. Баргашт, ки корашро давом диҳад ва акнун дид, ки бачаҳо ба ҳар шакл дар ҳар гӯша хобидаанду дафтару китобашон кушодаву пӯшида,

парешон аст. Ҳамаашонро ҷунбондаву ном гирифта бедор кард, қатор ҷогаҳ андохт ва ҳар якеро дар ҷои худаш хобонид.

Отаи бачаҳо аз лимӯзор бо дастони лойолуд омад ва дар остона истода гуфт:

— Очаи бачаҳо, саҳар маро баробари радио бедор кун. Ҳозир ҷо андоз, аз субҳ пеш сари хирман рафтан даркор.

Хона хоб рафт. Фақат вай бедор чок медӯхт ва радио гап мезаду консерт медод. Ва ҳангоме ки радио дар хотимаи гуфтор ба шунаванда хайрбод гуфта хоби хуш орзу кард, вай ҳам корашро анҷом дода либосашро накашида, зери ҷогаҳ даромад. Рӯзи очаи бачаҳо, як рӯзи очаи бачаҳои деҳоти тоҷик, ба монанди ҳамаи рӯзҳои умраш ҳамин хел гузашт. Ва ӯ бехабар аз он, ки дар рӯйхати ҳукумат қатори бекорон медарояд, сар ба болин монду хобаш бурд.